**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Алимардонов Бобохон дар мавзӯи “Таърихи электрикунонии ноҳияҳои Ҷанубу Шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ )**

Дар замони истиқлол, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, таъминсозии истиқлолияти энергетикии кишвар ҳамчун яке аз мақсадҳои стратегӣ муайян гардида, аҳаммияти илмии мавзӯи омӯхташавандаро дучанд кардааст. Ин воқеият нишон медиҳад, ки таърихи рушди соҳаи энергетикӣ барои рушди умумии кишвар басо муҳим мебошад.

Диссертатсияи номзадии худ Алимардонов Бобохон дар мавзӯи “Таърихи электрикунонии ноҳияҳои Ҷанубу Шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) ба таври пурра таҳқиқ, таҳлил ва инъикоси маводҳо доир ба таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон ва дар маҷмуъ баъзе мушкилоти саҳифаҳои таърихи халқи тоҷикро пурра анҷом додааст.

Махсусан, муаллиф ба таҳлил ва инъикоси дурнамои тезонидани суръати электрикунонидан тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва мадании аҳолии ноҳияҳои назди сарҳадии вилояти Хатлон таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки дар корҳои муҳаққиқони пешин кам ба чашм мерасад.

Аз ин рӯ, мавзӯи диссертатсияи Алимардонов Б.М. аҳмиятнок ҳисобида шуда, дар ҳаллу фасл намудани бисёр масъалаҳои марбут ба масалаҳои рушди энергетика дар соҳаи иқтисоди-иҷтимоӣ кумак мерасонад,

Муаллиф ба таври мукамал корнамоии меҳнатии энергетикҳои солҳои шуравӣ дар татбиқи амалии қувваи барқ, дар бобати истифода бурдани зиёда аз 300 объекти хурду миёнаи энергетикӣ дар равандҳои

меҳнатталаби саноат, хоҷагии қишлоқи ноҳияҳои Ҷанубӣ Шарқии Тоҷикистон, аз ҷумла, васеъ истифода бурдани қувваи барқ дар муассисаҳои маданӣ-маишии ҳаёти аҳолии ноҳияҳои наздисарҳадии вилояти Хатлонро ба таври муфассал баррасӣ намудааст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Хулоса, автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) мебошад.

Номзади илмҳои таърих,
сардори раёсати таълими Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Муллоҷонов А.К.

04 июни соли 2024

Нишонӣ: 734067 Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кучаи Нахимова 64/14
Тел: (+992-37) 2-31-02-01
E –mail: asadullo1976@mail.ru

Имзои Муллоҷонов А.К.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ